# ҚАРОРҲОИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» майи соли 2009
№300 тасдиқ шудааст

## Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1.Низомномаи намунавии мазкур фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти таҳсилоти ибтидоии касбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2.Муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо мақсади тайёр намудани кадрҳои ихтисосманди коргарӣ аз рӯи тамоми самтҳои фаъолияти фоиданок тибқи номгӯи касбҳои (ихтисосҳои) тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

3.Муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур ва Оинномаи муассисаи таълимӣ ба роҳ мемонад.

4.Вазифаҳои асосии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ иборатанд аз:

-муҳайё намудани шароити зарурӣ ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи шахс барои гирифтани таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯи самтҳои асосии фаъолияти самараноки ҷамъиятӣ мувофиқи номгӯи касбу ихтисосҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа бо кадрҳои ихтисосманди дорои таҳсилоти зинаи ибтидоии касбӣ;

-бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси шаҳрвандони машғули кор ва бекори Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ (1, 2, 3 ва 6 моҳа).

5.Муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис, табдил ва барҳам дода мешавад.

6.Аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад.

7.Муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ ва имтиёзҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи гирифтани иҷозатнома пайдо мекунад.

8.Муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ иҷрои барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбиро таъмин намуда, ба хатмкунандагон имконияти гирифтани тахассуси касбии сатҳи муайянро дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ бо гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ ё бе гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ имконият медиҳад.

Инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ иҷрои барномаҳои таълимии ҳамгирошудаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбиро таъмин намуда, барои хатмкунандагон имконияти гирифтани дараҷаи олии тахассуси касбӣ ва таҳсилоти миёнаи касбиро фароҳам меорад.

Дар заминаи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ташкили таҷрибаи пешқадами тайёр кардани мутахассисон аз рӯи касбҳои махсус, ки сатҳи баланди таълими касбӣ, талаботи шахс ва истеҳсолотро таъмин менамояд, амалӣ мешавад.

9.Муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ метавонад дар сохтори худ шӯъбаҳо, гурӯҳҳои таълимӣ, курсҳои кӯтоҳмуддат, кабинетҳои таълимӣ, лабораторияҳо, устохонаҳои таълимӣ ва таълимию истеҳсолӣ, хоҷагиҳои таълимию таҷрибавӣ, машқгоҳҳои таълимӣ, ҷузъҳои таълимии таҳсилоти иловагии касбӣ, хобгоҳ ва дигар ҷузъҳои сохторӣ дошта бошад.

10.Шӯъба ва гурӯҳҳои таълимӣ дар мувофиқа бо вазоратҳои дахлдор (муассис) дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва воҳидҳои кории амалкунанда аз тарафи муассисаи таълимӣ таъсис дода мешавад.

## 2.Қабул ба муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

11.Миқдори ҷой барои қабули хонандагон ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад, аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

12.Муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ метавонад дар доираи рақамҳои назоратӣ (замимаи иҷозатнома) барои қабули мақсаднок дар асоси қарордод (шартнома) бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ озмуни алоҳида ташкил намуда, дар мувофиқа бо муассис миқдори муайяни ҷойҳо ҷудо намояд.

13.Қабул ба муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ тибқи Қоидаҳои қабул ба муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф тасдиқ мегардад, амалӣ мешавад.

## 3.Фаъолияти таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ

14.Раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо баинобатгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва фардӣ, бо принсипи демократӣ ва башардӯстӣ ба роҳ монда мешавад.

15.Раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бояд ба инкишофи имконияти хонанда, худмуайянкунии касбӣ, такмили ихтисос ва тахассуси хатмкунандагон равона шуда бошад.

16.Раванди таълим таълими назариявӣ ва истеҳсолӣ, таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва корҳои тарбиявиро бо хонандагон дар бар мегирад.

17.Ҳангоми зиёда аз 1 сол будани мӯҳлати таҳсил давомнокии умумии таътилҳо дар як сол на камтар аз 11 ҳафтаро ташкил медиҳад. Таътили зимистона пас аз ҷамъбасти нимсолаи аввали соли таҳсил ба мӯҳлати 10 рӯз муқаррар карда мешавад.

18.Машғулиятҳо дар муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ тибқи нишондоди нақша ва барномаҳои таълимӣ гузаронида мешаванд.

19.Дониш, маҳорату малакаҳои хонандагон дар ҳуҷҷатҳо бо баҳоҳои зерин муайян карда мешаванд: «5» (аъло), «4» (хуб), «3» (қаноатбахш), «2» (ғайриқаноатбахш), «аз санҷиш гузашт» (санҷиш).

20.Таълими истеҳсолӣ дар устохонаҳои таълимию истеҳсолӣ, лабораторияҳо, қитъаҳои машқгоҳҳои таълимӣ, хоҷагиҳои таълимию таҷрибавии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, инчунин дар коргоҳҳои корхонаҳо, таълимгоҳҳои онҳо, фермаҳо, объектҳои сохтмонӣ ва ғайра гузаронида мешавад.

21.Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар асоси шатрномаи дутарафа дар корхонаҳо, ташкилотҳо, иттиҳодияҳо, хоҷагиҳои давлатию деҳқонӣ ва ғайра, ки барои онҳо кадрҳои коргарӣ тайёр карда мешаванд, гузаронида мешавад.

22.Ҳангоми таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ вақти кори хонандагон бояд аз давомнокии вақти кории мутахассисони истеҳсолот, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, зиёд набошад.

23.Шартҳои пардохти музди меҳнати хонандагон дар вақти гузаштани таҷрибаи истеҳсолӣ дар шартномаи дутарафаи байни муассисаи таълимӣ ва корфармо инъикос мегардад.

24.Низомнома оид ба таҷрибаомӯзии истеҳсолии (таълимии) хонандагони муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбиро мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф тасдиқ менамояд.

25.Гурӯҳҳои теъдодашон аз 15 нафар зиёд ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ, машғулиятҳо оид ба асосҳои донишҳои компютерӣ, омӯхтани забони русӣ дар гурӯҳҳои таълимашон ба забони давлатӣ, англисӣ (хориҷӣ) дар ҳама намуд гурӯҳҳо ва забони давлатӣ дар гурӯҳҳои таълимашон ба забони ғайридавлатӣ ба ду зергурӯҳ тақсим карда мешаванд.

26.Ба шахсоне, ки аз муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ хориҷ гардидаанд, маълумотномаи академӣ дода мешавад, ки дар он ҳаҷм ва мазмуни таҳсилоти азбаршуда нишон дода мешавад.

27.Ба хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки барномаҳои дахлдори таълимиро дар ҳаҷми пурра азхуд намуда, аз аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ гузаштаанд, дипломи намунаи давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ дода мешавад.

28.Ба хатмкунандагони курсҳои кӯтоҳмуддат низ ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (ба курсҳои 3 ва 6-моҳа шаҳодатнома, ба курсҳои 1 ва 2-моҳа сертификат) дода мешавад.

29.Ба хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки имтиҳоноти хатмкунии тахассусиро бо баҳои «5» (аъло) супоридаанд, ва камтар аз 75 фоизи фанҳои омӯхташуда, инчунин аз таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ баҳои «5» (аъло) гирифтаанд ва аз фанҳои боқимондаи нақшаи таълимӣ баҳои «4» (хуб) доранд, дипломи намунаи давлатии «аъло» дода мешавад.

30.Ба шахсоне, ки таҳсилро ба охир расонидаанд, аммо имтиҳоноти хатмкунии тахассусиро супорида натавонистаанд, сарфи назар аз шаклу намудҳои таълим, маълумотнома дода мешавад.

### 4.Хонандагони муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

31.Ба хонандагони муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ хонандагон ва шунавандагон дохил мебошанд.

32.Хонандаи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (минбаъд хонанда) шахсе мебошад, к ибо фармони директор ба муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ барои таҳсил аз рӯйи бaрономаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ қабул карда шудааст. Ба хонандаи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ билети хонанда ва дафтарчаи имтиҳонӣ дода мешавад. Шакли билети хонанда ва дафтарчаи имтиҳониро мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф муқаррар менамояд.

33.Шунавандаи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (минбаъд шунаванда) шахсе мебошад, к ибо фармони директор ба муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ барои таҳсил дар курсҳои кӯтоҳмуддат ё омӯзиши барномаҳои иловагии таҳсилоти ибтидоии касбӣ қабул карда шудааст.

34.Мақоми ҳуқуқии шунаванда дар бахши соҳиб гаштан ба таҳсилот ба мақоми хонандаи шакли марбутаи таҳсилот баробар аст.

35.Ҳуқуқҳо ва вазифаҳои хонандаи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ тибқи Оинномаи муассисаи таълимӣ, созишномаи фардии миёни муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва хонанда баимзорасида ва ҳамин Низомнома муайян карда мешавад.

36.Хонандаи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳуқуқ дорад:

-мутобиқи Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ барномаи муайянро интихоб намуда, аз рӯйи он таҳсил намояд ва дониш гирад;

-дар доираи Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ тибқи нақшаи таълимии инфиродӣ ва курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касбҳо таҳсил намояд;

-барои гирифтани хизмарасониҳои иловагӣ (аз ҷумла хизматрасониҳои пулакӣ);

-дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ иштирок намояд;

-фикру ақида ва нуқтаи назари шахсии худро озодона баён намоян;

-дар муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ як маротиба бепул таҳсилот гирад;

-ба фармон ва амрҳои роҳбарияти муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят пешниҳод намояд;

-тибқи тартиби муқарраркардаи Оинномаи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз китобхона, хазинаи иттилоот, хизматгузории ҷузъҳои таълимӣ, иҷтимоию маишӣ, муолиҷавӣ ва ҷузъҳои монанди инҳо ройгон истифода намояд.

Маҷбуран аъзо намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба узвияти ташкилотҳои динӣ, ҷамъиятию сиёсӣ, ҳаракату ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин маҷбуран ҷалб намудани онҳо ба тарғибу ташвиқ дар ҷараёни маъракаҳои сиёсӣ манъ аст;

Таълими хонандагони ятим ва аз парастории волидайн маҳруммонда аз ҳисоби давлат амалӣ мешавад.

37.Хонандаи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ вазифадор аст:

-талаботи Оинномаи муассисаи таълимӣ, Низомномаи мазку рва Қоидаҳои тартиботи дохилиро риоя намояд;

-дар вақти таҳсил талаботи барномаҳои таълимиро иҷро намояд.

38.Дар сурати қатъ гардидни фаъолияти муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, гузаштани хонандаро бо розигии волидайни онҳо (намояндагони қонунӣ) ба дигар муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ муассис таъмин месозад.

39.Тартиби гузаронидан, барқароркунӣ ва хориҷ намудани хонандаи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбиро Оинномаи муассисаи таълимӣ муқаррар менамояд.

40.Муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ шароитҳое муҳайё месозад, ки ҳифз ва таҳкими саломатии хонандагонро кафолат медиҳад, барои хӯроки онҳо танаффуси кофӣ пешбинӣ менамояд. Барои тайёр намудани хӯрокворӣ ва ҷои хурокхӯрии хонандагон, инчунин расонидани хизматрасонии тиббӣ дар муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бино ва иншооти махсус пешбинӣ карда мешавад.

## 5.Кормандони муҳандисию омӯзгории муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

41.Ба ҳайати кормандони муҳандисию омӯзгории муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ роҳбарият, омӯзгорон, методистҳо, сарустоҳо, устоҳои (инструкторони) таълими истеҳсолӣ, мураббиён ва дигар ҳайати шахсии омӯзгорон, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ менамоянд, дохил мебошанд.

42.Дар муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо фаъолияти муҳандисию омӯзгорӣ шахсоне машғул шуда метавонанд, ки дорои таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, малакаи зарурии касбӣ ва тахассус аз рӯйи ихтисос, тайёрии амалии касбӣ дошта бошанд.

43.Корманди ҳайати муҳандисию омӯзгории муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳуқуқ дорад:

-шараф ва эътибори касбияшро ҳимоя намояд;

-бо тартиби дар Оинннома муқарраргардида дар идораи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ширкат намояд;

-бо тартиби муқарраргардида ба Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ ва ташкилотҳои интихоботӣ интихоб кунад ва интихоб шавад, дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои ба фаъолияти муассисаи таълимӣ алоқаманд, аз ҷумла тариқи созмонҳои ҷамъиятии худидоракунӣ ширкат намояд;

-тарзу усул ва воситаҳои таълимиро, ки сифати баланди раванди таълимиро таъмин менамояд, интихоб ва корбаст намояд.

Корманди муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ инчунин дорои ҳуқуқҳои дигаре мебошад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарордод ва Оинномаи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ муқаррар намудааст.

44.Корманди муҳандисию омӯзгории муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ӯҳдадор аст:

-Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбиро риоя намояд;

-аз рӯи меъёрҳои этикаи касбӣ рафтор намояд;

-ӯҳдадориҳои вазифавии ба зиммааш гузошташуда ва корҳои мутобиқатии ӯҳдадориҳои тахассусӣ ва мансабиро ба сифати баланд иҷро намояд;

-дар коллектив аз амалҳои ифода намудани суханҳои қабеҳ, ки ба халалдор шудани вазъи рӯҳию психологӣ оварда мерасонад, худдорӣ намояд.

45.Барои корманди муҳандисию омӯзгории муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ давомнокии вақти корӣ на бештар аз 40 соат дар як ҳафта муқаррар карда мешавад.

46.Ба корманди муҳандисию омӯзгории муассисаи махсуси таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки ба таълиму тарбияи хонандагони (шаҳрвандони) аз озодӣ маҳрумгардида омода мебошанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шартҳои махсуси меҳнатӣ муқаррар гардидааст.

47.Корманди муҳандисию омӯзгории муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар 5 сол як маротиба аз аттестатсия гузаронида мешавад. Тартиби аттестатсия ва шаклҳои гузаронидани онро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

## 6.Идораи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

48.Идораи умумии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбиро Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ амалӣ менамояд.

Фаъолияти Шӯро бояд идораи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ барои васеъ намудани шаклҳои коллегиалӣ, демократӣ ва рушди ташаббускорӣ равона гардида бошад.

Тартиби интихоби Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ тибқи Оинномаи муассисаи таълимӣ муайян карда мешавад.

49.Идораи бевоситаи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбиро директор ба ӯҳда дорад.

50.Ваколатҳои Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ ва директори муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбиро Оинномаи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ муайян менамояд.

51.Ба директори муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар дохил ва берун аз муассисаи таълимӣ (ба ғайр аз роҳбарии илмӣ, илмию методӣ) ишғол намудани вазифаи дигари роҳбарикунанда манъ мебошад.

Муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ тибқи қонунгузории амалкунанда баҳисобгирии фаврию муҳосибавиро анҷом медиҳад. Баҳисобгирии оморию муҳосибавиро дар мӯҳлату сӯроғаи муқаррargардида пешниҳод менамояд. Ҳар сол дар хусуси фаъолияти молиявию хоҷагӣ ҳисобот медиҳад.

## 7.Фаъолияти молиявию хоҷагии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

53.Маблағгузории фаъолияти муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбиро муассисони он амалӣ менамоянд. Инчунин мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти молиявии муассисаи таълимӣ бо истифода аз сарчашмаҳои худмаблағгузорӣ, аз ҳисоби ба даст овардани даромад аз фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагӣ, пешниҳод намудани хизматрасониҳои пулакии таълимӣ ва фаъолиятҳои дигар иҷозат дода мешавад.

54.Буҷети муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбии давлатӣ, ки дар асоси меъёрҳои давлатӣ ба ҳисоб гирифта шудааст, бояд чунин хароҷотро ба назар гирад:

-татбиқи барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ (музди меҳнати кормандони муҳандисию омӯзгорӣ, нигоҳдорӣ, рушд ва мустаҳкам кардани заминаҳои моддию техникӣ, харидории ашёи хом, маводҳои масрафшаванда, таъминоти таълимию методии ҷараёни таълим);

-ҳифзи иҷтимоии хонандагон, таъминоти моддӣ, аз ҷумла пардохтҳои дастгирии кӯдакони ятим ва кӯдаконе, ки аз парастории волидайн маҳруманд, бо хобгоҳ таъмин намудан, чорабиниҳои санитарию солимгардонӣ ва фарҳангию оммавӣ;

-музди меҳнати маъмурият ва ҳайати кормандони техникӣ.

55.Муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳуқуқ дорад мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шаклҳои ташкилию

ҳуқуқиаш маблағгузории манбаъҳои гуногунро аз ҳисоби пешниҳод намудани хизматрасониҳои пулакии иловагии таълимӣ, тайёркунӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, аъзоҳақиҳои истифодашудаи волидайн барои касбу ихтисосҳои бартаридоштаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки дар бозори меҳнат талаботи зиёд доранд, хизматрасонии таҷҳизот ва воситаҳои нақлиёт, биною иншоот, даромадҳои фаъолияти истеҳсолии аз хоҷагиҳои таълимӣ-таҷрибавӣ, устохонаҳои таълимию истеҳсолӣ бадастовардашуда, инкишоф додани чорводорию мурғпарварӣ истифода намояд.

Даромадҳои аз манбаъҳои маблағгузориҳои ғайрибуҷетӣ бадастовардаи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар муассисаи таълимии мазкур барои инкишофи заминаҳои моддию техникӣ ва таълимию методӣ, ҷиҳати анҷом додани таъмири ҷорӣ ва пурраи биною иншоот, барои дастгрии иҷтимоии кӯдакони ятиму бесарпараст, кӯдакон аз оилаҳои камбизоат, инчунин барои ҳавасмандкунии моддӣ мувофиқи тартиби муқарраргардида сарф карда мешаванд.

56.Муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оиннома метавонад фаъолияти таълимии пулакиро анҷом диҳад.

57.Муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳуқуқ дорад изофа аз миқдори муҳассилини аз ҳисоби буҷет маблағгузоришаванда (рақамҳои назоратӣ) тайёр кардани мутахассисонро дар заминаи қарордод (шартнома) бо шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ, ки пардохти маблағи таҳсилро кафолат медиҳанд, амалӣ намояд.

58.Муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ шахси ҳуқуқӣ буда, дорои баланси мустақил, суратҳисоб дар муассисаи бонкӣ, мӯҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

## 8.Заминаҳои моддию техникии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

59.Ба заминаҳои моддию техникии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ биною иншоот, маҷмӯи амвол (таълимӣ, манзилӣ, ёрирасон), минтақаҳои замин, хоҷагиҳои таълимӣ, машқгоҳҳои таҷҳизоти мухталиф, амволи асосии истеъмолӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таҷҳизоти дигар, техникаи электронии ҳисоббарор, компютерҳо ва дигар амволи таҷҳизоти таълимӣ, ки барои мақсадҳои вазифавии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ мухолифбуда истифода намешаванд, ташкил медиҳад.

60.Муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ барои нигоҳдорӣ ва истифодаи самараноки моликияти ба вай вобастакардашуда дар назди муассис масъул мебошад.

## 9.Ҳамкории байналмилалӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

61.Ҳамкории байналмилалӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.